***ТАҚРИЗ***

***ба автореферати диссертатсияи Ҳамзаев Муҳриддин Қаландарович дар мавзуи «Ҷустуҷӯҳои ҳунарӣ дар шеъри солҳои 60-70-уми асри XX (дар мисоли ашъори Ғоиб Сафарзода)" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ.***

Диссертатсияи Ҳамзаев Муҳриддин Қаландарович зери унвони «Ҷустуҷӯҳои ҳунарӣ дар шеъри солҳои 60-70-уми асри XX (дар мисоли ашъори Ғоиб Сафарзода)" аз корҳои анҷомёфтаи таҳқиқотиест, ки дар маврид ҳам таҳлилу баррасии раванди шеъри солҳои мавриди назарро фаро мегирад ва ҳам арзиши шеъри таҳқиқнашудаи Ғоиб Сафарзодаро матраҳ мекунад.

Дар фишурдаи дисертатсия дида мешавад, ки муаллиф масъалаи ҷусторҳои ҳунариро танҳо ба забону баёни осори адабӣ ва ҳунари шоирӣ дар он маҳдуд накарда, балки масоили муҳимми таҳаввули сохтории шеърро низ дар он гунҷо дода, дар воқеъ кӯшиш кардааст, ки бо саъйи комили ҷустор ба паҳлуҳои норавшани шеъри ин давр ва, бахусус ҷанбаҳои норавшани шеъри ин шоири зиндаёд равшанӣ андозад.

Ин раванд боис ба он шудааст, ки маводи фаровоне барои ба таври татбиқӣ анҷом ёфтани таҳқиқ дар ихтиёри диссертант қарор бигирад ва, чунон ки бармеояд муаллифи рисола бар ин иқдом аз муваффақият кор гирифта, илова бар муқаддима ва хулосаю рӯйхати адабиёт, мавзуи мавриди назарро дар се боб ва нуҳ фасл баррасӣ намуда, натиҷаи таҳқиқу ҷусторҳои худро бо мундариҷаи илмӣ мутобиқи матлаб мувофиқ гардондааст.

Дар зимни мутолиаи фишурдаи диссертатсия маълум мегардад, ки диссертант ба тамоми паҳлуҳои матолиб, ки барои таҳқиқи мавзуъ ногузиранд, даст ёфтааст, чунон ки аз талаботи кори таҳқиқ – доварии холисонаву мунсифонаи шеъри солҳои мавриди назар, билхоса аз масоили ҷусторҳои ҳунарӣ ва шеваҳои таҳқиқи он дар заминаи нақди адабӣ бо огоҳии комил кор мегирад ва назарияи шеършиносиро бар асоси тадқиқоти илмии ин соҳаи маъмули адабиётшиносӣ ва мақсади пешгузоштаи хеш дар амал татбиқ мекунад.

Муқаддимаи диссертатсия ҷавобгу ба талабот буда, дар ҳар бахши он маводи зарурӣ дар робита ба меъёрҳои роиҷ корбаст шудааст, ки барои мисол метавон бахши «Вазифаҳои таҳқиқ»-ро ном бурд, ки дар он вазифаҳои асосии таҳқиқ дар 7 номгӯ бозтоб шудаанд ва масоилу мабоҳиси марбут ба мавзуи диссертатсияро дар худ гунҷонидаанд.

Боби аввал - «Раванди навгароӣ дар шеъри тоҷикии солҳои 60-70» дорои се фасл буда, дар фасли якуми он, дисертант бар асоси сарчашмаҳои илмӣ, заминаи пайдоиш ва омилҳои асосии навоварӣ дар шеърро матраҳ намуда, таҳқиқ мекунад ки ин раванд дар баробари таъсирпазирӣ аз таҳаввули шеъри Эрону Аврупо ва Руссия заминаҳои мустаҳками сиёсиву иҷтимоиро низ дар пай дорад.

Дисертант дар фасли дуюми боби авал, ки «Мавқеи анвои суннатӣ ва навоварӣ дар он» унвон дорад, ба масъалаи нақши анвои суннатӣ дар пайдоиши шеъри нав ва ҳамчунон навоварӣ дар суннат пардохта, бо овардани намунаҳо раванди таҳаввули шеърро ба гунае собит мекунад, ки инро ҳам метавон аз дастоварди ӯ дар кори илмӣ маҳсуб донист.

«Пайдоиш ва таҳаввули анвои нави адабӣ дар шеър» бахши муҳими ин боб ба шумор меравад, ки муаллиф дар зимн бо мисолҳои фаровоне нақши шоиронро дар он бозтоб додав а дар ҷамъбаст ба дастовардҳои назаррасе комёб шудааст.

Муаллиф боби дуюми рисолаи илмии хешро – «Ташаккули шахсияти адабии Ғоиб Сафарзода» унвон мегузорад, ки аз се фасл иборат буда, дар он шахсияти адабӣ, ҳунари шоирӣ, фаъолияти тарҷумонӣ ва наққодии Ғоиб Сафарзода матраҳ мегардад. Ин қисмати корро метавон боби меҳварии рисола арзёбӣ намуд. Пас аз баррасии ташаккули шахсияти шоир дар фасли аввал, муаллиф ба фаъолияти тарҷумонии Ғоиб Сафарзода мепардозад ва бар асоси тарҷумаҳои анҷомдодаи ӯ собит месозад, ки тарҷумаи ашъори шоирони навпардози қавму миллатҳои гуногун дар пурбор гардидани шеъри ӯ аз назари ҳунарӣ бетаъсир набудаанд.

Муаллифи рисола ҳамзамон ба ҳунари ин шоир баҳои арзишманд дода, таъкид мекунад, ки навиштани мақолоти интиқодӣ пардохтан роҷеъ ба театру кино ва насру назми тоҷик низ барои Ғоиб Сафарзода мактаби омӯзиш ва сайқали истеъдод арёбӣ мешаванд, ки дар фасли сеюм ба таври густурда матраҳ шудааст.

Боби сеюм - «Ғоиб Сафарзода ва ҷусторҳои ҳунарӣ дар шеъри тоҷикии солҳои 60-70» номгузорӣ шуда, фарогири се фасл мебошад ва дар он бештар ба сохтор, мавзуъ ва ҷанбаҳои ҳунарии шеъри шоир таваҷҷуҳ зоҳир гардида, бо назардошти андешаҳои донишмандону адибон роҷеъ ба шеъри Ғоиб Сафарзода, инчунини сарчашмаҳо ва маъхазҳои дар робита ба мақоми ӯ дар шеъри солҳои мавриди назар, муайян карда мешавад.

Дар фасли аввали боби мазкур, ки «Ҷустуҷӯҳои ҳунарии Ғоиб Сафарзода дар партави шеъри тоҷикии солҳои 60-70» номгузорӣ шудааст, ҳунари шоирии Ғоиб Сафарзода бо нишон додани тасвирҳои тоза ва

нигариши нав ба мавзуъ бо тарзи ҷаҳонбинии нав, корбурди таркибу ибороти шоирона ва забону баёни тозаи он ба таври татбиқӣ дар заминаи шеъри шоирони солҳои 60-70 бозтоб меёбад. Аз назари муаллифи рисола, либоси тоза пӯшонидан ба таркибу ибороти шеъри суннатӣ аз тарафи шоирони муосир ва дар заминаи он пайдо шудани тасвирҳои нав, нигоҳи нав ба мавзуъ ва амсоли ин дар фасли мазкур, ҷолиби диққат аст.

Фасли дуюм - «Эҷодиёти Ғоиб Сафарзода дар манзари нақди адабии тоҷик» ном дошта, дар он масъалаи нақду баррасии ашъори шоир аз ҷониби мунаққидон ва адибон матраҳ гардидааст. Бо баррасии густурда роҷеъ ба ин масъала, дисертант ба хулосае расидааст, ки агарчи нақди адабӣ дар замони ҳаёт будани шоир ба ашъори ӯ камтар таваҷҷуҳ кардааст, вале он миқдори кам низ барои пешрафти ӯ бетаъсир набудааст.

Дисертант бо назардошти ҳамин масъала, бо мақсади водор кардани пажуҳишгарон ба кори таҳлилу баррасӣ, ашъори шоирро таҳқиқнашуда арзёбӣ кардааст ва арзиши кори худи ӯ низ дар таҳқиқи осори Ғоиб Сафарзода дар ҳамин фасли рисола тобиши бештар ёфтааст.

Фасли сеюми боби мазкур, ки «Мақоми Ғоиб Сафарзода дар шеъри тоҷикии солҳои 60-70» ном дорад як навъ тобиши хулосавӣ гирифта, натиҷаи пажуҳишро бозтоб медиҳад. Таҳқиқи ҳамаҷонибаи шеър дар ин фасли рисола, аз қабили хусусиятҳои ғоявии ашъори шоир, мавзуъ ва моҳияти он, навоварӣ дар суннат, руҷуъ ба шеъри нимоӣ ва амсоли ин, ҷиҳати дида баромадани анвои шеъри Ғоиб Сафарзода ва мушаххас намудани мавқеи ӯ дар шеъри солҳои 60-70 аз аҳаммият холӣ набуда, дар маврид аз муваффақияти кори муаллифи рисола дарак додааст.

Барои таҷдиди назар ва такмили баъзе нукоти кори таҳқиқӣ ба инобат гирифтани пешниҳодҳои зерин ба манфиати кор мебошад:

1. Дар муқаддима, дар поёни қисмати «мубрамии мавзуи таҳқиқ» зарурати иловаи як ду ҷумлаи хулосавӣ ба назар мерасад.

2. Дар корҳои илмӣ-таҳқиқӣ аз корбурди калимаю таркиботи мадҳию тавсифӣ то ҳадде худдорӣ бояд кард. Дар автореферати диссертатсия корбурди иборaҳои тавсифии «шоири рангинхаёл», «донишманди фарҳехта», «муҳаққиқи дақиқназар» ва монанди инҳо ба назар мерасанд.

3. Баъзан дар автореферати диссертатсия талабот ва муқаррароти «Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ» дар имлои нав риоя нашудааст. Масалан калимаи пажуҳиш дар бештари ҷой (саҳ. 3, 5, 7, 11...) бо имлои куҳна истифода шуда, ӯ-и дароз гирифтааст.

4. Ҳамчунин дар рӯйхати номгӯи осори таълифнамудаи муаллиф ва варақҳои автореферат баъзе хатоҳои имлоиву техникӣ дида мешавад.

Албатта, ин гуна ғалатҳо хусусияти ҷузъӣ доранд ва ба ҳеҷ ваҷҳ ба арзиш ва аҳаммияти илмию амалии кори таҳқиқ таъсири ҷиддӣ намерасонанд.

Хулоса, автореферати диссертатсияи Ҳамзаев Муҳриддин Қаландарович дар мавзуи «Ҷустуҷӯҳои хунарӣ дар шеъри солҳои 60-70-уми асри XX (дар мисоли ашъори Ғоиб Сафарзода)" ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таҳияи авторефератҳо ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ мебошад.

Муқарриз:
доктори илмҳои филологӣ,
профессори кафедраи назария ва
таърихи адабиёти Донишгоҳи
байналмилалии забонҳои хориҷии
Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода САЛИМИ ХАТЛОНӢ
«19» декабри соли 2024.

«Тасдиқ мекунам»:
Сардори раёсати кадрҳо ва
корҳои махсуси ДБЗХТ ба
номи Сотим Улуғзода
734019, ш. Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев,
17/6. Тел.: +992372325029; 232 50 00;
Факс: +992372325003
Сомона: www.ddzt.tj E-mail: rectorat.dbzkht.tj@mail.ru
«19» декабри соли 2024. ХАЛИФАЕВ Ф.Н.